# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-012 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD)

**Парвандаи аттестатсионии № 27**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 14.09.2024, № 27.2.**

Барои сазовор донистани Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 - Иқтисодиёти меҳнат).

Диссертатсияи Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович дар мавзуи «Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 - Иқтисодиёти меҳнат), санаи 03 июни 2024 барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №27.1 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012-и назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½) ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, №12/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович 25-уми июли соли 1992 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2014 факултети муҳандисӣ-технологии Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси метрология, стандартизатсия ва сертификатсия (саноати хӯрокворӣ) хатм кардааст. Соли 2016 магистратураро аз рӯйи ихтисоси технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт ва соли 2019 докторантураи Phd-ро дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо муваффақият хатм намудааст.

Аз моҳи сентябри соли 2022 то ҳол ба ҳайси муаллими калони кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият дорад.

Мавзуи диссертатсияи Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович дар ҷаласаи шурои олимони донишгоҳ аз 23 феврали соли 2017 таҳти № 63-05 тасдиқ гардидааст.

Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Қурбонов Абдулхайт Каримович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Раҷабов Раҷаб Кӯчакович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

**Рустамов Раҳим Умаршоҳович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи иқтисодиёти байналмилалӣ  Азимова Мадина Турдыевна таҳия гардида, дар маҷлиси кафедраи иқтисодиёти байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон баррасӣ ва муҳокима карда шуда (суратҷаласаи №1, аз 28.08.2024 сол), аз ҷониби ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон  Раҳмонзода З. Ф. тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович дар мавзуи «Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», кори илмию таҳқиқотии мустақилона баитмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисос, ки бо "Низомномаи шурои диссертатсионӣ" ва "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович барои дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат) сазовор мебошад. Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 12 интишороти илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## ФЕҲРИСТИ КОРҲОИ НАШРШУДАИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:

[1-М]. Исвалиев Б.Дж. Влияние социально-экономических факторов на мотивацию кадров высших учебных заведений [Текст] / Б.Дж. Исвалиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе. 2018. – №8. – С.32-36. ISSN 2413-5151.

[2-М]. Исвалиев Б.Дж. Взаимодействие инструментов, методов и факторов мотивационного процесса в высших учебных заведениях Республики Таджикистан [Текст] / Б.Дж. Исвалиев, И.З. Сарабекова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе. 2019. – №3/2. – С.185-189. ISSN 2413-5151.

[3-М]. Исвалиев Б.Дж. Современное состояние кадрового обеспечения высших учебных заведений Республики Таджикистан [Текст] / Б.Дж. Исвалиев // Финансово – экономический вестник. – Душанбе.  2020. – №4(24). – С.188-193. ISSN 2663-0389.

[4-М]. Исвалиев Б.Дж. Инновация как индикатор экономического роста [Текст] / Б.Дж. Исвалиев А.К. Курбанов, П.У. Бобомуродов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – Бохтар. 2021. – №1/3 (89). – С.174-178. ISSN 2663-5534.

[5-М]. Исвалиев Б.Ҷ. Ҳолати муосири рушди инноватсионии муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ҷ. Исвалиев, П.У. Бобомуродов // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд. 2021. –№4 (89). – С.5-12. ISSN 2411-1945.

[6-М]. Исвалиев Б.Ҷ. Роҳҳои такмилдиҳии механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ҷ. Исвалиев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе. 2022. - №2(41). - С.132-139. ISSN 2308-0541.

[7-М]. Исвалиев Б.Ҷ. Таҷрибаи хориҷии механизми мотиватсионии таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир [Матн] / Б.Ҷ. Исвалиев, А.К. Қурбонов // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. – 2023. – №4/2(39). – С.72-81. ISSN 2663-0389.

**Б) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯйи маводҳои конференсия:**

[8-А]. Исвалиев Б.Ҷ. Механизми мотивасияи меҳнати кормандони соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ҷ. Исвалиев, И.З. Сарабекова // Масоили мубрами ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ дар ҳолат ва дурнамои инкишоф: маводи конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ (Душанбе, 15 майи соли 2018). – Душанбе, 2018. – С. 289-291.

[9-А]. Исвалиев Б. Дж. Мотивация, основные понятия и определения [Текст] / Б. Дж. Исвалиев // Роль информационных технологий в совершенствовании государственного управления экономикой: материалы Республиканской научно-практической конференции (г. Душанбе, 29 ноября 2018 года). – Душанбе, 2018. – С. 36-39.

[10-А]. Исвалиев Б.Ҷ. Мотиватсия ва самаранокии фаъолияти кормандони муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ҷ. Исвалиев // Маводи конференсияи илмӣ - назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба “Солҳои рушди саноат (2022-2026)”. – Душанбе, 2022. – С. 184-186.

[11-А]. Исвалиев Б. Дж. Механизм управления персоналом УВПО с учетом развития современного общества [Текст] / Б. Дж. Исвалиев // Формирование и развитие цифровой экономики в Республике Таджикистан: перспективы и тенденции: сборник материалов Республиканской научно-практической коференции (ТГФЭУ, 2022 г.). – Душанбе, 2022. – С. 146.-149.

[12-А]. Исвалиев Б.Ҷ. Танзими давлатии механизми мотиватсионии таъминоти кадрии муассисаҳои олии касбӣ [Матн] / Б.Ҷ. Исвалиев, А.К. Қурбонов // Идоракунии давлатӣ ва рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ, (ш.Душанбе, 25-26- уми ноябри соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 9-14.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

1. Самандарзода И.Ҳ. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур бо чунин эрод: 1. Агар дар автореферати диссертатсия оид ба масъалаи рейтинги МТОК-и ҷумҳурӣ маълумот оварда мешуд, ин ба манфиати кор мебуд.

2. Алиджонов Д.А. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи

академик Б.Ғафуров” бо чунин эродҳо: 1. Аз натиҷаи таҳқиқот ба пуррагӣ вазъи муосири механизми мотиватсионии таъминоти кадриро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян намудан душвор аст. 2. Дар таҳқиқот муаллиф ба масъалаи “иқтисодиёти креативӣ” таваҷҷуҳ намуда унсурҳои онро муайян намудааст, агар ин унсурҳо возеҳтар шарҳ дода мешуданд ба манфиати кор мебуд.

3. Салиева Н.Ш. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон бо чунин эродҳо: 1. Дар автореферат асоснок нагардидааст, ки истифодаи тавсияҳои диссертатсия дар амал барои такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ чӣ натиҷаҳои мусбӣ меорад. 2. Аз натиҷаи таҳқиқот муайян намудан душвор аст, ки вазъи имрӯзаи механизмҳои мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат дар кадом сатҳ қарор дорад.

4. Тешаев М.С. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А. Рӯдакӣ бо чунин эрод: 1. Хуб мебуд агар муаллиф муаммоҳои имрӯзаи такмили механизми мотиватсиониро дар МТОК мушахассан пешниҳод менамуд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар асоснок карда мешаванд:** интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст; интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- масъалаҳои назариявӣ ва методии такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ аниқ карда шуда, таъсири он ба баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои таълимӣ он муайян гардидааст;

- механизми ташаккул ва рушди механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир муқаррар гардида, арзёбии таъсири омилҳо ба он таҳия карда шудааст;

- тадбирҳо оид ба такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод гардидааст, ки рушди тамоми бахшҳо ва падидаҳои марбути соҳа, инчунин такмили ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавиро бо назардошти якчанд равандҳо таҳия ва амалӣ намоянд.

***Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:***

- асосҳои илмию назариявии рушди механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ баррасӣ шудаанд;

- *вобаста ба предмети таҳқиқот* усулҳои коркарди омории маълумот, таҳлили коррелятсионию регрессионӣ, таҳлили маҷмӯавӣ ва низомӣ, усули муқоисакунӣ, шаклҳои графикӣ ва ҷадвалии гузаронидани таҳлил истифода шудаанд;

- *таҳлили* вазъи муосири механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гузаронида шудааст;

- самтҳои асосии *рушд ва такмили* механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳия ва пешниҳод шудааст;

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

- *муқаррароти асосӣ* ва натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои илмию амалӣ миёни олимони ҷавон ва унвонҷӯёни Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2017-2023), Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2017-2023), Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (солҳои 2017-2023) мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аҳамияти амалии тадқиқот дар истифодаи муқаррарот ва тавсияҳои пешниҳодшуда аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ асос меёбад.

- *самтҳои асосии* илман асоснокгардидаи таҳқиқ метавонанд барои гузаронидани тадқиқот дар самти такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ ва танзими муносибатҳои меҳнатӣ, инчунин қабули қарорҳои муайян дар муносибатҳои муосири идоракунӣ шароит фароҳам меорад.

**Арзёбии саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор менамояд, ки:**

- *назария* дар ақидаҳои консептуалии назарияи иқтисодӣ, назарияи иқтисоди меҳнат, ҳамчунин механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ асос ёфтааст;

- *ғояи* таҳқиқот аз таҳлили дастурҳо, баромадҳо ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи оморӣ ва таҳлилии вазорату идораҳои дахлдор, маводи конфронсҳо ва дигар маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ сарчашма мегиранд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кори илмӣ, аз ҷумла таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф дар муайян намудани самтҳои такмили механизмҳои мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар марҳилаи муосир, таҳлилу арзёбии тамоюли вазъи муосири ҳавасмандгардонии меҳнат ва иқтидори кадрии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккул ва такмили механизмҳои мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар саҳми худро гузошта, хулоса ва тавсияҳои илман асоснокро пешниҳод намудааст.

- дар омода ва нашр кардани рисолаи илмӣ 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 - тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 аз санаи 14.09.2024 қарори сазовор донистани Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович барои дарёфти дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 - Иқтисодиёти меҳнат) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон 4 нафар аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 - Иқтисодиёти меҳнат), тарафдор - 13 нафар, муқобил – 1 нафар, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Толибзода Қ. Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Машокиров Ҷ.Н.**

*Санаи барасмиятдарории хулоса - 14 сентябри соли 2024*